*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-050*
*назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,*
*суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев*
*63/3,* e-mail: 6D.KOA.050@gmail.com

# ТАҚРИЗИ

**Муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) пешниҳод шудааст.**

Яке аз самтҳои афзалиятноки саноати хӯроквории муосир рушди технология ва васеъ намудани манбаи ашёи хоми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад, ки ба нигоҳдории саломатии инсон мусоидат мекунанд. Рушди технологияи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки бо моддаҳои табиӣ ғанӣ гардонида шудаанд, онҳоро ба қатори ғизои солим ворид мекунад ва аҳамияти экологии онҳоро муайян мекунад. Рангҳои табиии ғизоӣ на танҳо вазифаи ба маҳсулоти хурокворӣ додани ранги дилхоҳ ё барқарор намудани ранги ашёи хоми ҳангоми коркарди технологӣ гумшуда ё сустшударо иҷро мекунанд, балки маҳсулоти хӯрокаро бо моддаҳои фаъоли биологӣ бой мегардонанд, ки ин дар замони ҳозира хеле зарур аст. Моддаҳои фаъоли биологии растанӣ ба организми инсон таъсири беназир доранд. Онҳо системаи дилу рагҳоро мустаҳкам намуда, мақоми антиоксиданти одамро баланд мебардоранд ва хатари бисёр бемориҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд. Ин мубрамият ва аҳамияти илмӣ ва амалии кори диссертатсияи тақризшавандаи Саидов Ҳусен Аламуродовичро дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 - Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) пешниҳод шудааст, муайян мекунад.

Таҳқиқҳои муаллифи диссертатсия ба коркарди технологияи ҷудо кардани моддаҳои рангкунанда аз таркиби растаниҳои олами набототи



Scanned with CamScanner

Тоҷикистон ва истифодаи ин экстрактҳои бадастовардашуда ба сифати рангҳои ғизоии табиӣ равона шудаанд. Ҳамчун манбаи моддаҳои рангкунанда асосан қисмҳои ғайриғизоии дарахти санҷид ва гули аббосӣ инчунин, меваи татум низ истифода шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия**. Мақсади диссертатсияи Саидов Ҳ.А. ин коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои ғизоӣ аз растаниҳои Тоҷикистон мебошад.

Барои ба ҳадафи зикргашта ноил шудан муаллиф иҷрои вазифаҳои зеринро ба нақша гирифтааст:

- арзёбии дурнамои технологияи истеҳсоли рангҳои растанӣ;
- муқаррар намудани усулҳои самарабахши ҷудо кардани моддаҳои рангкунанда аз гиёҳҳои интихобшуда—решаи санҷид, меваҳои татум ва гулбаргҳои гули аббосӣ;
- асосноккунии илмӣ ва коркарди технологияи ҳосил кардани рангҳои табиӣ аз ашёи растанӣ;
- асосноккунии истифодаи экстрактҳои растании аз гиёҳҳои интихобшуда ҳамчун рангҳои хурокворӣ дар асоси омузиши таркиби сифатию миқдорӣ ва хосиятхои физикию химиявии онхо;
- омӯзиши хосиятҳои технологии экстрактҳои рангкунандаи аз растанӣ гирифташуда;
- омӯзиши фаъолияти биологии экстрактҳои рангкунанда, ки аз растаниҳои интихобшуда ҷудо карда шудаанд;
- омӯзиши раванди ранг кардани маҳсулоти қаннодӣ бо экстрактҳои гиёҳии ҳосилкардашуда;
- коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои ғизоии табиӣ.

Таҳлили диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф вазифаҳои ба нақша гирифтаро пурра иҷро намудааст ва ба мақсади таҳқиқоти худ расидааст.

**Навоварии илмии** дисертатсия. Диссертатсияи Саидов Ҳ.А. бешубҳа дорои навовариҳо мебошад. Навовариҳои диссертатсияи тақризшавандаро натиҷаҳои таҳқиқи моддаҳои рангкунанаи таркиби решаи санҷид, меваи татум ва гулбаргҳои гули аббосӣ, муайян намудани шароити беҳтарини ҷудо кардани моддаҳои мазкур ва таъсири омилҳои гуногун ба самаранокии ин раванд, ки дар натиҷаи ин таҳқиқхо технологияи ҷудо кардани моддаҳои рангкунанда аз растаниҳои Тоҷикистон коркард шуд ва натиҷаҳои таҳқиқи хосиятҳои физикӣ -химиявӣ ва технологии экстрактҳои рангкунанда ташкил мекунанд. Муаллиф аввалин шуда, хосиятҳои технологии экстрактҳои



Scanned with CamScanner

рангкунандаро омӯхта, фаъолнокии биологии моддаҳои таркиби ин экстрактҳо ва бехатарии онҳоро исбот намуда, истифодаи моддаҳои рангкунанди растаниҳои интихобшударо ба сифати рангҳои ғизоӣ пешниҳод намуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии диссертатсия.** Аҳамияти назариявии таҳқиқҳои гузаронидашуда аз он иборат аст, ки муаллиф муқарар намудааст, ки бо натиҷаи экстрактсия обӣ ба таркиби экстрактҳо моддаҳои фенолӣ, асосан флавоноидҳо, каротиноидҳо ва моддаҳои даббоғӣ (катехинҳо) мегузаранд. Аввалин маротиба таркиби сифатӣ ва миқдори ин моддаҳо, хосиятҳои физикӣ-химиявӣ, фаъолнокии биологӣ, маҳз хосияти зиддиоксидантӣ ва зиддиилтиҳобӣ ва бехатарии онҳо муайян гардидааст, ки ин биохимияи растаниҳои таҳқиқшударо васеъ мегардонад. Натиҷаҳои ин таҳқиқҳо дар баробари қобилияти рангкунандагӣ хосияти функсионалии экстрактҳои мазкурро исбот намуда мақсаднок будани истифодаашонро дар технология маҳсулоти хӯрока илмиасос менамоянд.

Аҳамияти амалии диссертатсияи мазкурро таҳияи техологияи ҳосил кардани экстрактҳои рангкунанда аз маводи растанӣ, ки дорои маҷмӯи моддаҳои рангкунанда, бехатар ва аз ҷиҳати биологӣ фаъол, муайян кардани шароити оптималии ҷудокунии онҳо ва нишон додани имкони истифодаи онҳо ҳамчун иловаҳои хӯроквӣ дар саноати хӯроквӣ мебошад, ки аз нуқтаи назари бехатарӣ ва экологӣ тозагии маҳсулоти хӯроквӣ муҳим аст. Аҳамияти амалии таҳқиқотҳои гузаронидашуда бо санҷишҳо дар шароити истеҳсолӣ тасдиқ шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии рисола дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар асоси маводи диссертатсионӣ 6 мақола илмӣ дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 11 кори илмии муаллиф, аз ҷумла 1 нахустпатент, 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи КОА ҶТ ва ФР, 6 мақола дар маводҳои конференсияҳо байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шуданд ва 2 санади татбиқӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ тасдиқ шуданд.

**Эътимоднокии таҳқиқотҳои** гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастомада бо татбиқи равишҳои дурусти методологӣ, истифодаи усулҳои муосири физикӣ ва химиявии таҳлил, такроршавандагии таҷрибаҳои гузаронидашуда, мувофиқати натиҷаҳои гирифташуда бо додашудаҳои маълуми адабӣ, инчунин бо нашри натиҷаҳои бадастомада дар маҷаллаҳои



Scanned with CamScanner

илмии тақризшаванда ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ва татбиқи ин натиҷаҳо дар шароити истеҳсолӣ тасдиқ карда мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) аз рӯйи бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

2.Коркарди илмиасоси - технологияи истифодаи навъҳои ашёи нав, барои истеҳсоли хӯроки омехта, ғалладонагӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, спиртӣ, хамиртурушӣ, ликеру арақ, маҳсулоти соҳаи шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, консентратҳои хӯрока ва истеҳсоли квас, истеҳсоли маҳсулоти тезхунуккунӣ, инчунин маҳсулоти коркарди дубораи соҳаҳои ғалладонагӣ, маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ бо мақсади истифодаи самараноки захираҳо ва баланд бардоштани арзишҳои биологии он.

3.Коркарди технологияҳои нав (аз он ҷумла интенсивӣ) ва такмилсозии технологияи истеҳсоли маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ, ангурпарварӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, алкоголӣ, хамиртурушӣ, ликёру арақ, шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, омехтаҳои хурокӣ ва маҳсулоти тезхунуккунӣ ва инчунин офаридани хатҳои ватании коркарди ашёи растанӣ.

6.Коркарди технологияи намудҳои нави маҳсулот бо истифодаи маҳсулоти ғайрианъанавӣ ва намудҳои нави ашё, омехтагиҳои мураккаб ва маҳсулоти нимтайёр бо танзими таркиби моддаҳои асосӣ ва ҷузъиёти фаъоли биологӣ, тағйири таркиби кимиёвӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нави дорои сифати ғизонокии баланд ва сатҳи баланди истифодабарӣ, инчунин кор карда баромадани усулҳои коркарди ашёи растанӣ, аз ҷумла маҳсулоти дуюмдараҷа, офаридани технологиҳои истеҳсол ва нигоҳдории маҳсулоти гуштӣ, ширӣ ва моҳӣ бо иловаи ашёи растанӣ, ва инчунин ҷузъиёти маҳсулот барои кудакон, маҳсулоти солим, махсус ва парҳезӣ.

9.Таҳқиқоти равандҳои истеҳсоли маҳсулоти ферментдор, омӯзиши арзишҳои биологии маҳсулоти тайёр ва коркарди усулҳои тайёркунии захираҳои ашёи дубора бо истифодаи усулҳои физикавӣ ва биокимиёвӣ бо мақсади истеҳсол кардани ҷузъиёти арзишнок, аз ҷумла моддаҳои хуштаъмкунанда, рангкунанда ва ғализкунанда; технологияҳои ҷудо намудани ҷузъиёти алоҳида ва хушбӯйкунанда аз ашёи растанигӣ.



Scanned with CamScanner

10.Офаридани технологияҳои дарёфт ва истифодабарии иловагиҳои хӯрокворини нимфунксионалӣ, аз он ҷумла дар асоси маҳсулоти коркарди дубораи соҳаҳои коркарди комплекси агросаноатӣ.

15.Офаридани технологияҳои маҳсулоти мевагӣ ва сабзавотӣ, ангурпарварӣ, нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ, оби ҷави ғайриалкоголӣ, алкоголӣ, хамиртурушӣ, ликёру арақ, шаробпазӣ, консервакунонӣ, хушккунии мева ва сабзавот, омехтаҳои хурокӣ ва маҳсулоти тезхунуккунӣ бо истифодабарии моддаҳои микробиологӣ, ферментӣ, тасҳеҳи биологӣ, фаъоли биологӣ ва функсионалӣ, рангҳои хурока ва хушбуйкунандаҳо; коркарди технологияи маҳсулоти хурокаи ҳайвон, технологияҳои аз нав коркарда баромадани ашёи эндокринию-ферментӣ ва дуюмдараҷа.

**Сохтор, мазмун ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ.** Диссертатсияи тақризшаванда муқаддима, 4 боб, хулосаҳо, руйхати адабиёти илмии истифодашуда, феҳрасти адабиёти нашршуда оид ба натиҷаҳои таҳқиқот ва замимаҳоро дар бар мегирад. Матни диссертатсия дар 167 саҳифа дарҷшудааст. Диссертатсия дорои 44 ҷадвал, 30 расм, 3 замимаҳо мебошад. Феҳрасти адабиёти истифодашуда 202 номгӯро ташкил мекунад.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо, навоварӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот илман асоснок карда шудааст.

**Дар боби якум якум** шарҳи сарчашмаҳои адабиёти илмӣ доир ба истеҳсол ва истифодаи рангҳои ғизоии табиӣ оварда шудааст. Бо назардошти додашудаҳои илмӣ ва таҳлили ҳолати омӯзиши ҳосил кардан ва истифодаи рангҳои ғизоии табиӣ муаллиф оид ба интихоби ашёи растанӣ, роҳҳои ҳосил кардан ва таҳқиқи моддаҳои рангкунанда хулосаҳо бароварда шудааст.

**Дар боби дуюм** маълумот оид ба объектҳо ва **усулҳои таҳқиқот** оварда шудааст. Хамчун объекти таҳқиқот решаи санҷид, меваи татум ва гулбаргҳои гули аббосӣ интихоб шудаанд. Интихоби объекти таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки ин растаниҳо дорои хосиятҳои табобатӣ буда, барои муолиҷаи бемориҳои роҳҳои нафасу, дилу гурда ва узвҳои ҳозима истифода мешаванд, барои тайёр намудани як қаторо маҳсулоти хӯрока истифода мешаванд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн шудаанд, аммо ҳамчун манбаи рангҳои ғизоӣ то ҳол омӯхта нашудаанд. Тарзи гузаронидани усулҳои таҳлили таркиби химиявӣ, хосиятҳои физикӣ-химиявии, функсионалӣ-технологии ашё ва маҳсулоти тайёри коркардшуда оварда шудааст.

Бобҳои сеюм ва чоруми диссертатсия натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро дар бар мегирад. Дар боби сеюм натиҷаҳои таҳқиқҳои гузаронидашуда ва хулосаҳои дар асоси ин натиҷаҳо баровардаи муаллиф оид ба усули экстрактсияи моддаҳои рангкунанда аз ашёи интихобшуда,



Scanned with CamScanner

омилҳои ба ин раванд таъсиркунанда, таркиби химиявии экстрактҳои ҳосилкарда, хосиятҳои органолептикӣ, физикӣ-ҳимиявӣ, бехатарӣ ва фаъолнокии биологии моддаҳои таркиби экстрактҳои мазкур, хосиятҳои технологии экстрактҳои рангкунанда оварда шудаанд. Муаллиф муқаррар намудааст, ки экстрактҳои обии рангкунанда дорои қобилияти рангкунӣ мебошанд ва аз рӯйи хосиятҳои физикӣ-химиявӣ, органлептикӣ ва технологӣ ба талабот оиди рангҳои ғизоӣ ҷавобгӯ мебошанд. Инчунин муқаррар шудааст, ки экстрактҳои ҳосилкарда дорои ҳосиятҳои зиддиоксидантӣ ва зиддиилиҳобӣ мебошанд ва истифодаи онҳо дар технологияи маҳсулоти хӯрока мувофиқи мақсад мебошад, зеро онҳо дар даробари қобилияти рангкунӣ, инуни ба пайдо кардани хосиятҳои функсионалӣ мусоидат мекунанд.

Боби чоруми диссертатсия натиҷаҳои коркарди технологияи истеҳсоли экстрактҳои рангкунанда ҳамун рангӣ ғизоӣ ва натиҷаҳои омӯзиши имконияти ранг кардани маҳсулоти қаннодӣ ба монанди карамел, мармелад ва креми қаннодӣ барои ороиши маҳсулоти қаннодии ордиро дар бар мегирад.

**Феҳристи адабиёт** аз 202 номгӯи мақолаҳо ва маводҳои илмӣ иборат буда, мувофиқи қоидаҳои қабулшуда тартиб дода шудааст.

**Дар замимаҳо** санадҳои татбиқӣ ва нусхаи нахустпатент нишон дода шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои қайд кардашуда камбудиҳои зерин низ мушоҳида мешаванд:

1. хуб мешуд, ки ҳамчун объекти таҳқиқот на танҳо решаи санҷид, меваи татум ва гулбаргҳои гули аббосӣ, дигар қисмҳои растанҳо ба монанди баргҳо, поя, меваaш низ интихоб мешуд.
2. аз минералҳои мутлақо захрнок миқдори мис, рӯҳ, кадмий ва сурб муайян шудааст. Беҳтар мебуд агар миқдори симоб низ муайян мегардид;
3. хосиятҳои табобатии экстрактҳои решаи санҷид ва меваи татум таҳқиқ шудааст, аммо таъсири табобатии экстрактҳои гулбаргҳои гули аббосӣ таҳқиқ нашудааст;
4. муаллиф миқдори умумии моддаҳои минералиро дар экстрактҳо муайяни кардааст, аммо кадом моддаи минералӣ ва миқдораш дар экстрактҳо муайян нашудааст;
5. Дар диссертатсия нишондодҳои микробиологии экстрактҳо нишон дода шудааст, аммо маълум нест, ки ин додашудаҳо дар кадом мӯҳлати нигоҳдорӣ муайян гардидаанд.
6. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасанд.



Scanned with CamScanner

Аммо ин камбудиҳои номбаршуда арзиши мусбии диссертатсияиро паст намекунанд.

**Хулоса**

Таҳлили натиҷаи кори диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад, ки аз ҷониби Саидов Ҳ.А. яке аз мавзӯи мубрами рӯз – истифодаи рангҳои ғизоии табиӣ дар технологияи маҳсулоти хӯрока, маҳз маҳсулоти қаннодӣ омӯхта шудааст, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Мавзӯе, ки дар диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович пешниҳод гардидааст, илман асоснок буда, метавонад дар амалия ба пуррагӣ тадбиқ шавад. Дар раванди иҷроиши диссертатсия Саидов Ҳ.А. бо таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, истифодаи усулҳои илмии муосир, таҳлил намудани натиҷаҳои бадастомада, ташхисҳои озмоишгоҳӣ мақсаду вазифаҳое, ки вобаста ба мавзӯи диссертатсия ба нақша гирифта шуда буд, ба таври ҳамаҷониба иҷро намудааст. Натиҷаи таҳқиқотӣ дар 11 мақолаи илмии нашршуда, инъикос ёфтаанд, ки аз ин 5 адад дар маҷаллаҳои тавсиявии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия, 6 адад дар дар маводҳои конфронсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расидааст, 1 патент ва 2 ҳуҷҷати хӯқуқӣ-меърӣ тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи илмии Саидов Ҳ.А. дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 - Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ), кори илмии ба анҷом расида буда, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Рисола дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, тамоми самтҳои мавзӯи интихобшударо фаро гирифтааст, муаллиф ҳамаи масъалаҳои ба нақша гирифташударо ҳаллу фасл намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Бинобар ин диссертатсияи пешниҳодшуда аз рӯйи мубрамият, аҳамияти илмӣ ва амалӣ, навгониҳои илмӣ, интишорот ва ҳаҷми таҳқиқот ба ҳама талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30.06.2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгуй буда, муаллифи он Саидов Ҳусен Аламуродович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа



Scanned with CamScanner

(6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**

Мудири озмоишгоҳи кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд, номзади илмҳои техникӣ, **Раҳмонова Ҷ.А.**

Имзои н.и.т. Ҷ.А. Раҳмоноваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назоррати иҷрои Донишкадаи политехникии онишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд, **Юсупова М.Ш.**

«17» 05 2025 с.

***Суроғаи корӣ:*** *735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кучаи Ҳаким Карим 52, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд*

*Сомонаи интернетӣ: www.polytech.tj*

*Почтаи электронӣ: rahmonovajamilya_1984 @mail.ru*

*тел.: (+992 3422) 60454, +992 928 13 96 00*



Scanned with CamScanner